# МАКТУБИ ИТТИЛООТӢ

Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон санаи 17-18-уми ноябри соли 2023 конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи «Рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ» дар пояи кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкорӣ доир менамояд. Ба конфронси мазкур намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар, олимону муҳаққиқон, намояндагони ташкилотҳои байналмилалӣ, пажуҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва ширкатҳои соҳибкорӣ даъват карда мешаванд.

Дар конфронс масоилҳои зерин мавриди муҳокима қарор мегиранд:

1. Ҳолати муосир ва муаммоҳои рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ;
2. Накши соҳибкории истеҳсолӣ дар ҳадафи чоруми миллӣ, саноатикунонии босуръати кишвар;
3. Фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун омили муҳими рушди устувори иқтисоди миллӣ;
4. Самтҳои афзалиятноки рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
5. Дастгирии давлатӣ ва ҳимояи фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ;
6. Таҷрибаи хориҷии ташаккул ва рушди соҳибкорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ

Дар ин замина, олимон, муҳаққиқон, магистрантҳо ва хоҳишмандоне, ки дар кори конфронс хоҳиши ширкат варзидан мехоҳанд, метавонанд то 10-уми ноябри соли 2023 мақолаҳои худро ба суроғаи электронии conference_tguk@internet.ru, ирсол ва ё дар шакли электронӣ ба суроғаи 734061, ш. Душанбе, хиёбони Деҳотӣ 1/2, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон манзур намоянд.

Забони конфронс: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ.

## ТАЛАБОТ НИСБАТ БА МАЪРӮЗАҲО:

Матни мақола бояд бо формати Microsoft Office Word, фосилаи байни сатр 1,5 бо истифодаи ҳуруфи Times New Roman Tj (бо забони русӣ - Times New Roman), шрифти 14, ҳошияҳояш 2 см омода шуда, ба таври зайл пешниҳод гардад:

- дар байни саҳифа ному насаби муаллиф /муаллифон, дараҷаву унвони илмӣ, вазифа, ҷои кор ва e-mail навишта шавад;
- номи мавзӯъ дар мобайни саҳифа бо ҳарфҳои калон (бо ҳарфҳои ғафс, шрифти 14 пт) навишта шуда, матни пурраи маърӯза ва рӯйхати адабиёт;
- иқтибосҳо дар қавсайнҳои квадратӣ бо нишондоди рақами тартибии адабиёт ва саҳифа (масалан [2, с.42]) оварда шаванд;
- расмҳо, тасвирҳо, диаграммаҳо ва схемаҳо бо формати «bmp», «jpg», «dwg», «gif» иҷро карда шуда, ҳатман ба онҳо ном гузошта шавад.

Намуна

Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич
Мудири кафедраи менеҷменти Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади
илмҳои иқтисодӣ, дотсент
E-mail:___________________________

**СИЁСАТИ КАДРҲО ДАР НИЗОМИ МЕНЕҶМЕНТ**

Матн......матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... [1, С. 255] матн...... матн...... [2, С. 255] матн...... матн...... матн...... матн......

**АДАБИЁТ**

1. А
2. Б
3. В

Матни маърӯзаи иштирокчиёни конфронс, ки аз ҷиҳати мазмун ба талаботи дар боло зикргардида мувофиқат мекунад ва то 10-уми ноябри соли 2023 пешниҳод мегардад, бо тавсияи ҳайати таҳририя дар шакли маҷмӯаи маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ то рӯзи баргузории конфронс нашр карда мешавад.

Даъватҳо барои иштирок дар конфронс то 10 ноябри соли 2023 фиристода мешаванд.

Алимов Комил Касирович (мутасаддӣ) Тел.: (+992 34) 234-85-44, (+992) 918817559,

E-mail: conference_tguk@internet.ru

**КУМИТАИ ТАДОРУКОТ**